## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар ба мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ш. Душанбе, 2026 с. 193 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд доир ба мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ, яке аз масъалаҳои калидии ҳуқуқии мадании муосир мебошад. Дар ин ҷода мушкилотҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба назар мерасанд, ки ҳалли онҳо аз таҳқиқотҳои муҳими илмӣ вобастагии калон дорад. Муаллиф мубрамияти мавзуъро дуруст арзёбӣ карда, чунин тавсиф менамояд: «Масъалаи субъекти ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокчӣёни муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аз аҳаммияти муҳим бархӯрдор мебошад. Дар замони муосир шароити боз ҳам густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодиву маданӣ вақте, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар дохили як давлат бамиёномада дар дигар давлат оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад ва бештари ин муносибатҳо бо иштироки шахсони воқеӣ сурат мегиранд. Таҳлили масъалаҳои коллизионии ин муносибатҳо ва пажӯҳиши масъалаҳои ба онҳо алоқаманд ҳамчун масъалаи мубрами илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф карда мешавад» (с.5-6).

Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани як қатор камбудиҳо ва холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст ва ҷиҳати такмили ақидаҳои илмии марбути мавзуъ равона карда шудааст. Дар ин асно, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ аз аҳаммияти боризи назариявӣ ва амалӣ бархурдор буда, баҳри бартараф намудани камбудҳои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, такмили қонунгузории соҳа, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти маданӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо мусоидат менамояд. Аз ҳамин лиҳоз рисола айни замон ҳамчун кори илмӣ-назариявии мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои ҳамаҷониба оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он дар асоси омӯзишу таҳлил ва баррасии санадҳои амаликунандаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра сурат гирифта, як қатор навгониҳои илмии таҳқиқот ҷиҳати такмили муқаррароти онҳо равона шудаанд. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии мантиқию дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки рисолаи илмӣ бо назардошти мазмун ва моҳият, инчунин таҳлили мукаммали илмии суратгирифта дорои навгониҳои муҳимми назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки метавон баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намуда, заминаи муҳимми илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия**

**ифодаёфта.** Рисолаи мазкур, аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мебошад. Муаллиф қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиқкуниро таҳлилу баррасӣ намуда, рисолаҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал гардонидани рисолаи илмии худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст. Хулосаю пешниҳод ва тавсияҳо бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд доир ба мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ тавзеҳ дода шуда, мушкилоти назария ва амалияи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ матраҳ шуда, аҳаммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд.

**Боби якум** «Масъалаҳои муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» бахшида шудааст ба таҳлил ва баррасии асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ва қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури

хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Сарфи назар аз мавҷудияти таҳаввулоти хеле устувори назариявӣ, бояд қайд кард, ки падидаи шахси воқеӣ-субъекти ҳуқуқ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ аҳаммияти худро нигоҳ медорад ва то андозае ҳатто баҳснок боқӣ мемонад. Бинобар ин, то ҳол ягон равишҳои умумии доктриналӣ ба шарҳи мундариҷаи он вуҷуд надоранд. Муайян намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ таҳлили «қобилияти ҳуқуқӣ» ва «қобилияти амалкунӣ»-ро тақозо менамояд, ки то имрӯз яке масъалаҳои мубрам боқӣ мемонанд. Дар боби мазкур муаллиф масъалаҳои умумӣ ва махсуси вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷиро муфассал таҳлил карда, хулосаҳои дахлдор баровардааст. Хусусан муқарраროти Кодекси маданиро дар робита ба масъалаи мазкур таҳлили васеъ намудааст.

**Дар боби дуюм** «Масоили танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ» муаллиф ба таҳлили қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ ва масъалаҳои танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Имрӯз, дар кишвари мо, қонуни шахсии мазкур чун пайвасти умумии коллизионӣ барои муайян кардани қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шахси воқеӣ истифода гардид, ки дар амалияи ҲБХ ба таври умум қабул шудааст. Ба ибораи дигар, дар ҳуқуқи ватанӣ мафҳуми қонуни «ҳуқуқи шахсӣ» ба категорияи қонунан муқарраршуда табдил ёфтааст: «Қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре мебошад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад». Мазмуни меъёри мазкур аз он иборат аст, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунаии шахси воқеӣ аз рӯйи ҳуқуқи давлате, ки он муайянкунандаи қонуни шахсии ин шахс мебошад, муқаррар карда мешавад. Дар ин боб муаллиф таҳлили муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории ватанию хориҷиро васеъ истифода бурдааст.

**Боби сеюм** «Махсусиятҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷӣ мураккабгашта» фарогири масъалаҳои зерин мебошад: танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи

ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ; танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ; вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ; вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ. Боби мазкур бештар ҷанбаи амалӣ дошта, муаллиф таҳлили татбиқи ҳолатҳои мазкурро дар таҷриба вобаста ба ҳар ҳолати алоҳида, хусусан дар мерос, дар муносибатҳои оилавӣ, дар фаъолияти меҳнатӣ ва мурофиаи маданӣ баргузор намудааст.

Дар натиҷаи тадкиқот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки аз 13 банди назариявӣ ва 5 банди амалӣ иборат буда, дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф, ки дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола авторефератро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар он ифода меёбад, ки муаллиф тамоми мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо вобаста ба самтҳои гуногуни танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ ба таври дахлдор ба анҷом расонидааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои рисола дар он ифода меёбад, ки танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ бахши бузурге аз муносибатҳои иқтисодиро фаро мегиирад. Аз ин лиҳоз, он таъсири бевосита барои рушди муомилоти маданӣ ва рушди иқтисодии кишвар дорад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот шомили он аст, ки вазъи ҳуқуқии щахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ба унвони ниёзи асосии инсон, нақши ҳаётӣ дар амнияти иҷтимоӣ ва равонии муҳим дорад. Аз ин рӯ, ҳар гуна ихтилоф ё мушкилот дар чунин вазъи ҳуқуқӣ метавонад паёмадҳои ҷиддии иҷтимоиро эҷод кунад. Танзими дақиқу дурусти масъалаи мазкур ба пешгирӣ аз низоъҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ кумак мекунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ва як воситаи таълимӣ, ки мазмуни таҳқиқотро фаро мегиранд, аз ҷумлаи онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд доир ба мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба талаботи бандҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар саҳифаи 52 ва 53 муаллиф чунин зикр кардааст: Бояд иброз намуд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ худи мафҳуми қонуни шахсии шахси воқеӣ ҷой надорад, бинобар ин ба таври зерин муайян намудани он мувофиқи мақсад аст: «қонуни шахсии шахси воқеӣ – маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии давлате (ё давлатҳое) мебошад, ки масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеӣ, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, меросӣ бо иштироки шахсони воқеиро танзим менамоянд». Ба назари мо мафҳуми мазкур хеле васеъ аст. Масалан, тибқи моддаи 1346 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «муносибатҳо оид ба меросгирӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он меросгузор охирин маҳалли истиқомати доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад». Яъне на ҳама ҳолат дар муносибатҳои меросӣ қонуни шахсии шахси воқеӣ истифода мешавад.

2. Дар саҳифаи 80 чунин зикр шудааст, ки «дар ин замина ба хулоса омадан мумкин аст, ки миёни ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи мерос алоқаи ногусастанӣ вуҷуд дорад ва ҳуқуқи мерос таркиби худро аз ҳуқуқи моликият мегирад». Бо чунин хулоса розӣ шудан душвор аст, зеро ҳуқуқи мерос таркиби худро аз ҳуқуқи моликият гирифта наметованад. Зеро онҳо институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ мебошанд. Тавассути мерос натанаҳо моликият, инчунин моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқҳои ухдадорӣ ҳам таҳвил мешаванд.

3. Дар саҳифаи 108 муаллиф доир ба «никоҳҳои ланганда» ишора кардааст, аммо мутаасифона онро бо таври зарурӣ шарҳ надодааст. Хуб мешавад, ки муаллиф ҳангоми ҳимоя масъалаи мазкурро равшан намояд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд доир ба мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,и.в. профессори
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ҷаббор Расулов 45/6,
Тел: (+992) 100400879, E-mail: m.umrillo@gmail.com

Имзои Меликов У.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев.Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел. (+992 237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj
E-mail: dsx_ips@mail.ru

«30» 04 2026 сол